**ПРОТОКОЛИ №10**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

6 июли соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМА:**

Ба ҳимояи такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи **Қаландарзода Сарабек Давлатёр дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ, д.и.ф. Солеҳов Н.Н. ва аъзои комиссия, д.и.ф. Ҳасанова Т.Ғ. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Қаландарзода Сарабек Давлатёр дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро ба ҳимоя қабул намудан мумкин аст (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Қаландарзода Сарабек Давлатёр дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Қаландарзода Сарабек Давлатёр дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Амороти Муттаҳидаи Араб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– **Муъминҷонов Зулфиддин** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»;

– **Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Сайидзода Зафар Шералӣ** – доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи Иттиҳоди давлатҳои мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимояи такрорӣ, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 14-уми октябри соли 2026, соати 13 $^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** ҷонибдор – 9 нафар, муқобил – «нест», бетараф – «нест».

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш.